«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ д.и.т., профессор
_________ Ибодуллозода А. И.
«29» 08 2022с.

# ХУЛОСА

**Кафедраи назария ва амалияи забоншиносии факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ба диссертатсияи Иброимова Гуландом Наимовна дар мавзуи "Муродифоти ибораҳои номӣ ва ҷумлаҳои сода дар "Чор дарвеш" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01.- Забони тоҷикӣ.**

Диссертатсия дар мавзуи "Муродифоти ибораҳои номӣ ва ҷумлаҳои сода дар "Чор дарвеш" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01.- Забони тоҷикӣ аз тарафи Иброимова Гуландом Наимовна дар кафедраи назария ва амалияи забоншиносии факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ ба анҷом расонида шудааст.

Иброимова Гуландом Наимовна ҳамчун унвонҷӯ дар кафедраи назария ва амалияи забоншиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ ба таҳқиқоти илмӣ машғул мебошад.

Роҳбари илмӣ - Раҳматуллозода Сахидод Раҳматулло, д.и.ф, профессор, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, муовини раиси Кумитаи истилоҳоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Мавзуи диссертатсия дар ҷаласаи Шурои олимони Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, аз 30.09.2016, қарори № 4/5.4 тасдиқ шудааст.

**Аз муҳокимаи диссертатсия чунин натиҷагирӣ шуд:**

Мубрамии мавзуи рисолаи мазкур низ дар он зоҳир мегардад, ки бори аввал муродифоти ибора ва қолабҳои ҳаммаънои имконпазири онҳо дар забони тоҷикӣ дар заминаи маводи як асари бадей "Чор дарвеш" таҳқиқ карда мешавад. Дар чунин шоҳасарҳои халқӣ тамоми зебоӣ ва нафосати воҳидҳои забон инъикос мегардад, зеро осори мардумӣ, ки ба сурати китоб даровардa шудааст, ифодагари воқеии тамоми ғановату салосати забони тоҷикӣ ба шумор меравад.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба яке аз масъалаҳои муҳимми забоншиносӣ – Муродифоти ибораҳои номӣ ва ҷумлаҳои сода дар яке аз шоҳасарҳои насри адабиёти классикии тоҷик – «Чор дарвеш» бахшида шудааст.

Азбаски муродифоти ибора ва ҷумлаҳои сода дар «Чор дарвеш» дар забоншиносии тоҷик мавзуи таҳқиқнашуда ба ҳисоб меравад, муҳиммияти интихоби мавзуъ низ ба ин ҷанба асос меёбад. Доир ба муродифоти грамматикии ибора ва ҷумла як қатор мақолаву рисолаҳои илмӣ рӯйи кор омада бошанд ҳам, маводи яке аз шоҳасарҳои даврони классикӣ – «Чор дарвеш» ба риштаи таҳқиқ кашида нашудааст. Сабаби интихоби мавзуи таҳқиқот низ ба ин ҷиҳат вобаста аст.

Бо вуҷуди мавҷуд будани як қатор таҳқиқот муродифоти ибора ва ҷумлаҳои содаи насри классикии тоҷик мавриди таваҷҷуҳи муҳаққиқон қарор нагирифтааст.

Диссертатсия дар доираи нақшаи илмии кафедраи назария ва амалияи забоншиносӣ таҳия гардида, натиҷаҳои таҳқиқот дар маҷаллаҳое, ки КОА-и назди Президенти ҶТ ва КОА-и ФР таъйид намудаанд, интишор гардидаанд. Мавзуе, ки диссертант дар диссертатсия баррасӣ менамояд, дар асоси нақшаи илмии кафедра анҷом дода шудааст.

**Ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқ.** Мақсад аз таҳқиқи мавзуъ ошкор кардани имконоти ҳаммаъношавии навъҳои гуногуни ибора ва ҷумлаҳои сода дар забони тоҷикӣ дар мисоли «Чор дарвеш», муайян кардани

махсусиятҳои муродифоти ибораҳо. шартҳои ҷойивазкунии онҳо дар матнҳои муайян, муқаррар намудани умумият ва тафовути ҳар як қолаби наҳвӣ аз ҳамдигар ба ҳисоб меравад.

Ҳадафи гузошташуда баррасии вазифаҳои зеринро дар назар дорад:

- ба низом даровардани қолабҳои ибораҳои номии ҳаммаъно;
- ошкор кардани меъёри муродифшавии ибораҳо;
- муайян кардани роҳу усулҳои ташаккули муродифоти ибораҳои номӣ;
- таснифоти муродифоти қолабҳои гуногуни ибораҳои номӣ;
- аз ҷиҳати илмӣ асоснок намудани хусусиятҳои семантикӣ ва вазифаҳои услубии қолабҳои муродифӣ;
- муайян кардани дараҷаи ҳаммаъноии калимаҳои мураккаби аз ибораҳои номӣ бавуҷудомада.

**Манбаи назариявӣ ва методологии таҳқиқ.** Аҳамияти назариявии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки хулосаҳои илмии таҳқиқи қолабҳои ҳаммаъноӣ наҳвиро дар таҳқиқи минбаъдаи масъалаҳои муродифоти наҳвии забони тоҷикӣ зимни муайян намудани қолабҳои наҳвӣ истифода бурдан мумкин аст. Асосҳои назариявию методологии таҳқиқро тадқиқоти бунёдии ба грамматика ва услубшиносӣ бахшидашудаи муҳаққиқони варзида, аз қабили Н. Маъсумӣ, Д.Т. Тоҷиев, Ю.Д. Апресян, И.С. Бузакова, Ю.Н. Власова, А.Н. Гвоздев, М.С. Сергалиев, В.П. Сухотин, Е.П. Шенделс, В.Н. Ярсева, Б. Камолиддинов, А. Мирзоев, Д. Хоҷаев, Ҳ. Маҷидов, Л.С. Пейсиков, Ю.А. Рубинчик, М.Ҷ. Мирзоева ва дигарон, ки ба масъалаи муродифоти наҳвӣ бахшида шудаанд, ташкил медиҳад.

**Навгониҳои илмии таҳқиқот.** Навгонии илмии таҳқиқ дар он ифода меёбад, ки бори аввал қолабҳои ҳаммаъноӣ маводи насри классикӣ бо як низоми муайян омӯхта шуда, муродифоти наҳвӣ (ибораҳо ва ҷумлаҳои сода) тасниф мегарданд. Ҳамчунин умумият ва тафовути қолабҳои муродиф дар ифодаи ин ё он маъно муқаррар карда шуда, муродифоти ибораҳои номӣ ва ҷумлаҳои сода дар заминаи қолабҳои таъвизшавандаи имконпазир, ки ба умумияти маъно далолат менамоянд, нишон дода

мешаванд. Теъдоди 444 ибора бо қолабҳои таъвизпазир мавриди баррасӣ қарор гирифтанд, ки имконоти услубии онҳо зикр гардиданд.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқ**

1. Асосҳои назарии муродифоти наҳвӣ: меъёри муқаррар ва интихоб намудани қолабҳои имконпазири ҳаммаъно; тафовути онҳо аз дублет, вариант ва қолабҳои мувозӣ; дараҷаи омӯхта шудани мавзуъ дар забоншиносии тоҷик.

2. Муродифоти иборахои исмии изофӣ бо ҳамроҳӣ, вобастагии пешояндиву пасояндӣ ва баръакс, ки домони имконоти фикрро васеъ мегардонанд ва дар "Чор дарвеш" ниҳоят фаровонанд.

3. Муродифоти иборахои сифатӣ, ҷонишинӣ, шуморавӣ нисбат ба иборахои исмӣ каммаҳсултаранд, имкони муродифшавиашон низ дар асар ниҳоят маҳдуд аст.

4. Дар асар миқдори қалони калимаҳои мураккаб дучор шуданд, ки аз иборахо ҳосил гардидаанд ва дар радифи иборахои наҳвӣ ба хотири пуробурангӣ ва худдорӣ аз такрор истифода шудаанд.

5. Ҷумлаҳои содаи асар низ муносибатҳои гуногуни маъноиро дар қолабҳои мухталиф ифода кардаанд: хелҳои коммуникативии ҷумлаҳои сода; ҳаммаъноии ҷумлаҳои содаи тасдиқӣ ва инкорӣ; ифодаи маънои инкор дар «Чор дарвеш»; муродифоти қолабҳои аслӣ ва ҳосила; муродифоти хелҳои ҷумлаи сода аз ҷиҳати таркиб.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот.** Аҳамияти амалии кор аз он иборат аст, ки натиҷаҳо ва нуктаҳои муҳимтарини диссертатсия дар ҷараёни таълими услубшиносӣ, наҳв, курси махсуси муродифоти грамматикӣ дар факултетҳои филология ва журналистикаи муассисаҳои олӣ хизмат хоҳанд кард. Истифодаи таҳқиқоти мазкур дар таълими дарсҳои амалии асосҳои маданияти нутқ ва услубшиносӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, дар фаъолияти устодони каломи бадеъ, кормандони матбуот, радио, телевизион, ҳамчунин тарҷумонҳо судманд хоҳад буд. Маводи диссертатсия дар интихоби калима, ибора, қолабҳои наҳвӣ ва ифодаи тобишҳои нозуки маъно кумак мекунад.

Бобҳои диссертатсия мутобики мақсаду вазифаҳои гузошташуда тарҳрезӣ шуда, баррасию таҳқиқ дар сатҳи баланди илмӣ қарор дорад. Хулосаҳои диссертант илмӣ буда, ба талаботи навиштани диссертатсияҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ мебошад.

Диссертатсияи мазкур, бешубҳа, кори илмии мукаммал ва ба анҷомрасида буда, аз рӯйи мақсад ва муҳтаво ба ихтисоси 10.02.01- Забони тоҷикӣ мувофиқ аст.

Кафедраи назария ва амалияи забоншиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ диссертатсияи Иброимова Гуландом Наимовнаро кори илмии баанҷомрасида ва мукаммалу мубрам меҳисобад. Диссертатсияи номбурда дар сатҳи зарурии корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ таълиф шуда, ба талаботи корҳои диссертатсионӣ пурра ҷавоб гуфта метавонад ва аз ин рӯ, барои ҳимоя тавсия дода мешавад. Фишурдаи диссертатсия ва мақолаҳои диссертант, муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос менамоянд. Мақолаҳои чопшудаи диссертант дар маҷаллаҳои таъйиднамудаи КОА-и назди Президенти ҶТ ва КОА-и ФР интишор гардидаанд:

**А) Мақолаҳои илмие, ки дар нашрияҳои тақризии бонуфузи тавсияшудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маориф ва илми Федератсияи Русия ба табъ расидаанд:**

**[1-М].** Иброимова Г.Н. Нақши артикли номуайянии “-е” дар ташаккули ибораҳои изофӣ ( дар мисоли «Чор дарвеш») / Н. Г. Иброимова // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ.-2019.- № 2 (79) С. 83-86.

**[2-М].** Иброимова Г. Н. Мавқеи ибораҳои исмии изофӣ дар насри суннатии тоҷик (дар мисоли «Чор дарвеш») / Н. Г. Иброимова // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ.-2019.-№ 3 (80) С. 74-80.

**[3-М].** Иброимова Г. Н. Ибораҳои изофӣ ва муродифоти онҳо бо қолабҳои дигари наҳвӣ (дар заминаи маводи «Чор дарвеш») / Н. Г. Иброимова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.-2019.-№ 7. С. 47-51.

**[4-М].** Иброимова Г.Н. Муродифоти як қолаби ибораи исми изофӣ дар «Чор дарвеш» / Н. Г. Иброимова // Ахбори Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон.- 2019.- № 2 (256). С. 166-170.

**[5-М].** Иброимова Г.Н. Муродифоти ибораҳои сифатӣ, шуморавӣ ва ҷонишинӣ дар «Чор дарвеш» / Н. Г. Иброимова // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ.- 2021. № 6 (95)- С.70-73.

**[6-М].** Раҳматуллозода С. Р., Иброимова Г. Н. Муродифоти қолабҳои аслӣ ва ҳосила (дар асоси маводи "Чор дарвеш") / С. Р. Раҳматуллозода, Г. Н. Иброимова // Суханшиносӣ маҷаллаи илмии Институти забон ва адабиёти ба номи А. Рӯдакӣ -2022 № 2 –С. 34-39.

**Б) Мақолаҳое, ки дар нашрияҳо ва маҷаллаҳои илмӣ ба табъ расидаанд :**

**[6-М].** Иброимова Г. Н. Муродифори ҷумлаҳои тасдиқӣ дар «Чор дарвеш» / Н. Г. Иброимова // Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Маводи конференсияи байналмилалии илмию амалии «Медиалингвистика ва услубшиносӣ: проблема ва дурнамо» ба муносибати 85-солагии профессор Баҳриддин Камолиддинов.- Душанбе-2020. - С. 338-342.

**[7-М].** Иброимова Г. Н. Муродифори ҷумлаҳои содаи инкорӣ дар «Чор дарвеш» / Н. Г. Иброимова // Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Маводи конференсияи байналмилалии илмию амалии «Медиалингвистика ва услубшиносӣ: проблема ва дурнамо» ба муносибати 85-солагии профессор Баҳриддин Камолиддинов.- Душанбе-2020. - С. 378-384.

**[9-М].** Иброимова Г. Н. Бо ҳиссачаҳо ифода ёфтани пурсиш дар ҷумлаҳои содаи инкорӣ дар асоси маводи "Чор дарвеш"/ Н. Г. Иброимова //ДДОТ ба номи С. Айнӣ . Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ бахшида ба рӯзи байналмилалии забони модарӣ (21-уми феврал) дар мавзуи "Истиқлолияти давлатӣ ва рушди забони модарӣ" (18-уми феврали соли 2022) .- Душанбе-2022.- С.100-102.

Аз ин лиҳоз, кафедраи назария ва амалияи забоншиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ диссертатсияи мазкурро аз

рӯй ихтисоси 10.02. 01-Забони тоҷикӣ барои дифоъ ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ тавсия менамояд.

Дар маҷлис ҳузур доштанд 16 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ “ҷонибдор” 16 нафар, “муқобил” – нест, “бетараф” – нест, суратҷаласаи № 11 аз «28» июни соли 2022.

Раисикунанда: Сулаймонов Искандар, мудири кафедраи назария ва амалияи забоншиносии ДДОТ ба номи С. Айнӣ, дотсент

Котиби ҷаласа: н.и.ф. Раҳмонов Б.

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ 121.
Тел: E-mail:info@tgpu.tj

Имзоҳои И. Сулаймонов ва М. Назировро
тасдиқ мекунам: Сардори шуъбаи кадрҳо
ва корҳои махсуси
ДДОТ ба номи С. Айнӣ Мустафозода А.

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ
РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС